**Парки технологӣ-инноватсионии “Фановар”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Парки технологӣ-инноватсионии “Фановар”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (минбаъд ПТ ДТТ) бо Қарори Шӯрои Олимони ДТТ аз санаи 01 сентябри соли 2011 таъсис ёфта, дар ифтитоҳи он, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намудаанд.
Дар Парки технологӣ-инноватсионии "Фановар" вазифаи Директор ва 12 ҷойи кории муваққатии фаслӣ мавҷуд аст, ки донишҷуён бо навбат, дар вақти аз дарс берун, онҳоро ишғол менамоянд.
Дар парки технологии «Фановар» аз ҳисоби «Ташкилоти хамкориҳои байналмилалии Олмон» - GIZ дар асоси лоиҳаи «Барномаи минтақавии таҳсилоти касбӣ дар Осиёи Марказӣ» дар таърихи 22 октябри соли 2018 хатти технологии коркарди маҳсулотҳои гуштӣ, истеҳсоли ҳасиб ва ҳасибчаҳо васлу насб карда шуд. Хатти технологии коркарди маҳсулотҳои гуштӣ аз 16 номгӯи таҷҳизоту дастгоҳ иборат буда, маблағи он 353518 (Сесаду панҷоҳусе ҳазору панҷсаду ҳаждаҳ) сомониро ташкил медиҳад.
Дар натиҷаи ҳамкорӣ бо ташкилоти Кореягии **WTIT (Интиқоли ҷаҳонии технологияҳои иттилоотӣ)** соли ҷорӣ донишгоҳ доираи фаъолияти худро васеъ гардонида, як синфхонаи компютерии замонавӣ бо теъдоди 25 адад ноутбукҳои нав, як синфхона барои таҳрезии лоиҳаҳои самти ТИК ва озмоишгоҳи махсус оид ба Роботсозӣ таъсис дод.
Парки технологӣ-инноватсионии "Фановар"-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо Паркҳои технологии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С.Осимӣ, Донишгоҳи технологии Алма Ата, Донишгоҳи давлатии техникии Қирғизистон ба номи И. Раззаков ва Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус ҳамкорӣ дорад.
Аз рӯзи таъсисёбӣ то имрӯз технопарк ба як қатор дастовардҳо муваффақ гардидааст, аз ҷумла истеҳсоли таҷрибавии обҳои маъданӣ ва ошомиданӣ, истеҳсоли таҷрибавии навъҳои нави макаронҳо бо иловаҳои растанҳои шифобахши минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамчунин дастурамалҳо оиди истеҳсоли обҳои маъданӣ ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, роҳҳои хушк кардани меваю сабзавот, истеҳсоли навъҳои макаронҳо, кефиру ёгуртҳои мевагӣ, навъҳои гуногуни маҳсулоти соҳаҳои қаннодӣ тартиб дода шуда, истеҳсоли таҷрибавии онҳо ташкил карда шудааст.
Инчунин, дар ПТ ДТТ истеҳсоли нақеъҳои гуногун аз растаниҳо, гиёҳҳои шифобахш, меваҳо ва сабзавотҳои гуногуни чумҳурӣ ба роҳ монда шудааст. Нақеъҳои истеҳсолшуда консентратҳои табиӣ ва хушбӯйкунанда буда аз консентратҳои сунъие, ки аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд, афзалияти бештар доранд ва ҳамчун маводи хӯрока ва маводи табобатӣ истифода шуда метавонанд.

ПТ ДТТ ҳамчун маркази озмоишӣ, амалию илмӣ ва инноватсионӣ мавриди истифода қарор дорад.

Дар озмоишгоҳҳои ПТ ДТТ барои санҷишу таҳлили маҳсулоти истеҳсолшудаи таҷрибавӣ, таҷҳизотҳои зарурӣ насб шуда, корҳои илмӣ-амалӣ ва таҷрибавии донишҷӯёну омӯзгорони ҷавон аз рӯи стандарти таълимӣ ва нақшаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронида мешаванд.
Донишҷӯ-бонувоне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишгоҳ қабул шудаанд, дар ПТ ДТТ номнавис карда мешаванд ва курсҳои ройгон оиди омӯзиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрока ва ҳамзамон кадбонугӣ омӯзонида мешаванд.

Дар назди ПТ ҳамчунин курсҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ фаъолият менамояд.

Кормандони ПТ ДТТ барои кӯмак ба сектори таълимӣ-тренингӣ таомҳои озмоишии донишҷӯӣ «Мини-макс» технологияи омода кардани таомҳои аврупоӣ ба монанди: коркарди аввалин дараҷаи сабзавотҳо ва мурғ; таомҳои аврупоӣ ба монанди: тайёр кардани «Булён – птица Консоме», «Муллигатный суп», «Қимма кардани филеи мурғ", "Сливочный перечный соус", "Пюре аз картошка", "Соус аз меваҳо", "Макарон «Персо»", "Итальянский ризотто", "Палав риси писи", ғелакчаҳо; Хуришҳо бо монанди: "Салат смешанный", "Фруктовый салат"; шириниҳо (десерт): десерт аз меваҳо; маҳсулотҳои нонро ба роҳ мондааст.

Бояд қайд намуд, ки соли 2017-2019 аз ҳисоби «Ташкилоти хамкориҳои байналмилалии Олмон» - GIZ дар асоси лоиҳаи «Барномаи минтақавии таҳсилоти касбӣ дар Осиёи Марказӣ» барои парки технологии "Фановар" ба маблағи 443625 (чорсаду чилусе ҳазору шашсаду бисту панҷ) сомонӣ таҷҳизотҳо ворид карда шудааст.

Донишҷӯёни факултаҳои гуногуни ДТТ мунтазам дар озмоишгоҳу сехҳои таҷрибавии ПТ корҳои таҷрибавӣ-амалии худро мегузаронанд. Онҳо аз ашёи хом намудҳои гуногуни макаронҳо, маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти гӯштӣ ва дигар намуди маҳсулоти хурокаро дар шакли таҷрибавӣ истеҳсол менамоянд.

Ҳамаи маҳсулоти истеҳсолшудаи технопарк таҷрибавӣ буда, фурӯхта намешавад ва маҳсулоти истеҳсолшудае, ки боқӣ мемонад ҳамчун кӯмаки молиявӣ ба сектори дар назди хобгоҳ ҷойгирифтаи донишҷӯӣ, ройгон супорида мешавад.